Дар ҳақиқат, шайтон ноумед шудааст, ки намозгузорон дар Ҷазираи Араб ӯро парастиш кунанд, аммо ӯ (ҳанӯз) ба душманӣ андохтану фитна андохтан миёни онҳо умед мебандад

Аз Ҷобир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегӯяд: "Дар ҳақиқат, шайтон ноумед шудааст, ки намозгузорон дар Ҷазираи Араб ӯро парастиш кунанд, аммо ӯ (ҳанӯз) ба душманӣ андохтану фитна андохтан миёни онҳо умед мебандад."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар додааст, ки шайтон ноумед шудааст аз он ки муъминони намозгузор дар Ҷазираи Араб ба парастиши ӯ баргарданд ва барои бут саҷда кунанд. Аммо ӯ то ҳол тамаъ дорад ва ҳамеша кӯшишу меҳнату талоши худ ва тамоми фаъолияти худро дар барангехтани душманӣ миёни онҳо бо ҷангу хусумат, кина, фитнаҳо ва монанди инҳо равона мекунад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/8886